**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

07.07.2025с.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Аъзамова Тахмина Туйчиевна хулосаи зеринро қабул намуд:

**I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Аъзамова Тахмина Туйчиевна ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Аъзамова Тахмина Туйчиевна, 13-уми июли соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2018 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ” хатм намудааст. Соли 2020 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси “Молия ва қарз дар фаъолияти иқтисоди беруна” хатм намудааст. Аъзамова Тахмина Туйчиевна 18.11.2020 № 113/И унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии

молия ва иқтисоди Тоҷикистон гардида онро бо фармоиши №89/И аз 04.12.2023 сол хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро аз соли 2015 ба ҳайси мутахассиси маркази тестии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз намуда, аз моҳи сентябри соли 2020 ассистенти кафедраи молия ва аз сентябри соли 2021 то августи соли 2024 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ ва аз сентябри соли 2024 то инҷониб ҳамчун ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ байналхалқӣ фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи № 6/5.6 аз 29-уми январи соли 2021 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шариф Раҳимзода таъин гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шариф Раҳимзода – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Аъзамова Тахмина Туйчиевна имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло) санаи 17 сентябри соли 2022, таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) санаи 18 феврали соли 2023 ва имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), аз 04.11.2024 дар Донишгоҳи мазкур супорида, бомуваффақият хатм намудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

## II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 5 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Султонов Зубайдулло Султонович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич, н.и.и., и.в дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди

Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Хайрзода Ш.Қ.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.